*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш . Душанбе, н.Шоҳмансур, к.Айнӣ 37, ДМТ, бинои таълимии 8, факултети молиявию иқтисодӣ, ошёнаи 1, толори Шӯрои олимон. E-mail: safarbek-8888@mail.ru).*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзӯи "Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафии PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия.**

Дар низоми бонкӣ нишондиҳандаи муҳими фаъолияти молиявии бонк ин устувории молиявии он мебошад. Устувории молиявии бонк ин мӯътадилии фондҳои молиявии (захираҳо) бонк баояндаи дарозмуддат, кифоягии сармоя барои амалисозии чараёни мунтазами фаъолияти худ, барпосозии фондҳои захиравӣ барои бартарафсозии вазъиятҳои номусоид, бардоштани уҳдадорӣ аз рӯйи уҳдадориҳо дар назди мизоҷон, ҳиссагузорон ва саҳҳомони бонк, расонидани доираи васеъи хизматрасониҳо ва даромаднок фаъолият намудани онҳо мебошанд. Устувории молиявии бонкро нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ-иқтисодии фаъолияти бонк муайян месозанд, ки инҳо: ҳаҷм ва сохтори воситаҳои худӣ, сатҳи даромад ва фоида, бозоргирӣ ва ғайра мебошанд.

Ба андешаи муаллиф, ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ шакл ва усулҳои танзимнамоии ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ, устуворӣ ва суботи қонунгузорӣ оид ба бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ, танзимнамоии низоми бонкӣ, амалиётҳо ва мубодилаҳои бонкӣ аз ҷониби давлат, такмилдиҳии мунтазами қонунгузории амалкунанда ва коркарди консепсияи рушди бонкҳо ба давраи миёнамуддат таъсир мерасонанд, ташкил медиҳанд. Албатта, мо ба андешаи муаллиф розӣ мебошем, чунки устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ тавассути низоми нишондиҳандаҳо муайян мегардад, аз ҷумла: сифати дороиҳои бонк, сифати базаи захиравӣ, сифати маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ, фаъолияти даромадноки бонк, идоракунии хавфҳо ва сифати менеҷменти

бонк ва нишондиҳандаҳои дигар мебошанд, ки ҳамаи ин нишондиҳандаҳоро муаллиф дар автореферат дарҷ намудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо ин:

1. Муаллиф дар саҳифаи 5-уми автореферат яке аз элементҳои асосии навгонии илмиро пешниҳоди моҳияти "устувории молиявӣ" баён намудааст, ки ин барои таҳияи навгонии илмӣ дар рисолаи илмӣ чандон мувофиқ нест;

2. Дар саҳифаи 15, расми 3 оиди динамикаи тағйирёбии ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат оварда шудааст, вале сарчашмаи ин нишондиҳандаҳо дар автореферат инъикос нагардидааст.

Камбудӣ ва норасоиҳои номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хислати пеншиҳодӣ (ё маслиҳатӣ) доранд.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзӯи "Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафии PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриздиҳанда:
Д.и.и., профессори кафедраи
назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав. Садриддинов Н.Т.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон шаҳри Бохтар, кӯч. Айнӣ 67
Тел: (+992) 911-09-31-63 ktsu78@mail.ru

Имзои д.и.и, профессор
Садриддинов Н.Т.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ДДБ ба номи Носири Хусрав Амиршоев А.А.